**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026**
**наздиДонишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**( 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзӯи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (Душанбе, 2023)**

Мавриди таҳлил қарор додани андешаҳои Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ доир ба инсон ва ошкор сохтани аҳамияти онҳо барои ҷомеаи муосир аҳамияти муҳимми илмиву амалӣ дорад, зеро замони муосир талаботи ҷомеа ба камолоти маънавии инсон хеле баланд гардида, рушду нумӯи худшиносӣ, худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, дарки Истиқлолияти давлатӣ, ҳисси волои ватанпарастӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва дигар хусусиятҳои ҳамидаи инсониро тақозо мекунад. Воситаҳои ахбори омма муҳимтарин падидаи таҳаввулоти иҷтимоӣ буда, дар ташаккули афкори ҷомеа нақши бориз доранд. Аз ин ҷиҳат, мавзӯи диссертатсияи номзадии Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович таҳти унвони «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мубрам ва хеле саривақтӣ буда, он метавонад чун манбаи муҳими назариявӣ зимни анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ дар самти таърихи фалсафаи тоҷик, андешаҳои ахлоқиву иҷтимоӣ ва ташаккули фарҳанги миллӣ истифода шавад. Коркардҳо ва хулосаҳои назариявии пешниҳодшуда дар диссертатсия баҳри шинохти табиат ва моҳияти инсон ва дараҷаҳои камолоти он низ дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд.

Диссертатсия, чунон ки аз мутолиаи он бармеояд, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат аст.

Муаллиф баъди он ки дар муқаддима дар бораи аҳамияти пажуҳишаш, мубрамиву дараҷаи омӯхта шудани масъалаи мазкур, обэкти таҳқиқ, навгониву нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва монанди инҳо маълумот медиҳад, бевосита ба таҳлили маводи гирдовардааш рӯ меорад.

Боби аввал **“Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии ташаккули афкори фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ”** (с. 12- 17), дар доираи се зербоб бо фарогирии “Вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ”, “Зиндагӣ, осор ва махсусиятҳои ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ”

ва “Асосҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ” таҳлилу баррасӣ гардида, хулосаҳои илман асоснок пешниҳод шудааст.

**Боби дуюм “Андешаҳои антропологии Абдураҳмони Ҷомӣ” унвон дошта,** (с. 17- 22), **фарогири** се зербоб аст. Зербобҳо “Инъикоси табиат ва моҳияти инсон дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ”, “Масъалаҳои ахлоқ дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ” ва “Масъалаи инсони комил дар тасвири Абдураҳмони Ҷомӣ” унвон доранд, ки дар он унвонҷӯ ақидаҳои Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро дар доираи назарияи “инсони комил” масъалаи озодии ирода ва озодии фикрии инсон, ки ба ҳеҷ мазҳабу ҷараён вобаста нестанд, матраҳ намудааст.

Хулоса (с. 23-24), фарогири шаш банд буда, дар он Ҷӯраев Манучехр зикр мекунад, ки агарчи усули асосии ифодаи фикри Абдураҳмони Ҷомӣ пайравӣ аз аҳли ирфон ва мактабҳои тасаввуфӣ бошад ҳам, вале мақсади аслии ӯ тарбияи инсон дар роҳи худшиносию маърифатпарварӣ ва расидан ба дараҷаи камолот мебошад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҷӯраев Манучехр таҳқиқоти анҷомёфта буда, он метавонад дар оянда ба нуктаҳои мубҳаму шубҳаноки яке аз бахшҳои фалсафа, масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ равшанӣ андозад.

Дар қатори дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо боиси болоравии ҳусни пажуҳиш хоҳад шуд:

1. Дар автореферат хатогиҳои имлоиву техникии ислоҳшаванда (ниг. с. 5, 12, 22...) мушоҳида мешаванд.
2. Агар дар раванди таҳқиқот аз адабиёти навини муҳаққиқони Шарк оид ба мавсъалаи мавриди назар бештар истифода мегардид, мазмуни диссертатсия боз ҳам беҳтар мешуд.

Чунин эродҳо характери маслиҳатӣ дошта, ба сифати пажуҳиш таъсир намерасонанд.

Мақолаҳои нашркардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Навоварӣ ва мустақилияти фикрӣ, эҷодӣ дар ҳама бахшҳои диссертатсия ба назар мерасад. Хулосаҳои муаллиф дар ҳама қисматҳои диссертатсия қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи таҳсинанд. Аз ҷиҳати услуби илмӣ ва мантиқӣ диссертатсия ба талаботи лозима ҷавобгӯ мебошад.

Тадқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзӯи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илми фалсафа,**
**дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии**
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ**
**ба номи М. Назаршоев**
**Назархудоева Лола Тошбековна**
**Тел.: 935229914 Email: lola71@inbox.ru**

*Имзои дотсент* **Назархудоева Лоларо Тошбековнаро** ***тасдиқ мекунам.***

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии**
**Хоруғ ба номи М.Назаршоев** **Саидраҳмонов Н.С.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ ба номи М. НАЗАРШОЕВ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Хоруғ, хиёбони Ш. Шоҳтемур 109**
**Сайт:www.khogu.tj.**

9. 11. 23